ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412 – Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Рушди соҳаи боғдорӣ ва бахусус бунёди боғҳои интенсивӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим дорад. Барои гузаронидани корҳои агротехникӣ дар боғҳои интенсивӣ истифодаи техникаву мошинолотҳои навини замонавӣ истифода бурда мешавад.

Мавзуи таҳқиқотии пешниҳодшуда ба масъалаҳои муҳими рушди соҳаи механиконии кишоварзӣ дар самти боғҳои интенсивӣ бахшида шуда, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ аҳамияти калон дорад. Дар шароити имруза рушди боғҳои интенсивӣ бо истифодаи мошинолоти муосир самаранокии меҳнат ва ҳосилнокии дарахтонро зиёд намуда, хароҷотро коҳиш медиҳад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотиро дуруст муайян намуда, бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ мушаххасот ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИМ -1.8-ро асоснок намудааст. Натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ буда, метавонанд дар тарҳрезӣ, такмил ва истифодаи мошинҳои кишоварзӣ барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқотҳои гузаронидаи муаллиф дар самти таҳрезӣ, такмилдиҳӣ ва асосноксозии мушаххасотҳои муносиби сохти конструктивии мошинолоти муштараки КМИС-1.8, ки камшавии хароҷотҳои энергетикиро барои ҷараёни технологии коркарди хоки байни қатори дарахтони боғҳои интенсивӣ таъмин менамоянд, асос ёфтааст.

Арзиши амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи натиҷаҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд шудани самаранокии истифодаи техника, беҳтар гардидани сифати коркарди хок, сарфаи сузишворӣ ва кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ мусоидат намояд.

Дар баробари натиҷаҳои назарраси илмӣ дар автореферат якчанд эродҳо низ мавҷуданд:

1. Дар автореферат таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқот бо корҳои олимони хориҷӣ муфасалтар пешниҳод нагардидааст.
2. Беҳтар мебуд, агар тавсияҳо оид ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар хоҷагиҳои гуногуни боғдорӣ ба таври конкретӣ пешниҳод мегардид.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, сифати илмию амалии кори диссертатсиониро коста намегардонад.

Дар маҷмуъ, рисолаи илмии Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло таҳқиқоти пурраи илмии ба анҷом расонида буда, автореферати он мазмун ва

натиҷаҳои асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд ва ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412 – Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Сарходими илмии шуъбаи технологияи
инноватсионии токпарварии Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, д.и.к. Карoматзода Ш.Ш.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти
Мирзо Ризо, деҳаи Сурхакчашма
Тел.: (+992) 938811481
E-mail: sharofiddin75@mail.ru

Имзои Карoматзода Ш.Ш. -ро тасдиқ мекунам:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21а,
Тел.: (+992) 900338818
E-mail: bogparvar@ mail.ru
29 07 соли 2026.